**Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон 734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, ½ , www/ddtt.tj**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос Юсуфзода Исмоил Умаралӣ дар мавзуи «Такмили механизми истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзӣ (дар мисоли вилояти Суғд)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051900-Ташкил ва меъёргирии меҳнат (6D051901- Иқтисодиёти меҳнат)**

Таърих гувоҳ аст, ки дар тамоми ҷанбаҳои фаъолияти соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ захираҳои истеҳсолӣ иштирок намуда дар натиҷа ҳосиле ба даст меоранд, ки арзиши хоси худро доро мебошанд. Ба захираҳои истеҳсолӣ маҷмуи воситаҳо дохил мешаванд, ҷузъи муҳимми онҳо меҳнати инсон мебошад. Истифодаи оқилонаи он шарти асосии баланд бардоштани самаранокии ниҳоии хоҷагӣ, ба дараҷаи некуаҳволии коргар, ҳолати иқтисодии он таъсири бевосита мерасонад ва онро идора менамояд.

Баъди пош хурдани давлати Шуравӣ қазияҳои истифодаи захираҳои меҳнатӣ, механизмҳои таъсиррасон, шакл ва намудҳои ташкили меҳнат мазмун ва мундариҷаи дигарро, ки ба иқтисодиёти бозоргонӣ мутобиқ бошанд пайдо намуданд. Ҳалли қазияҳои мазкур, ки мақсади асосии диссертатсия мебошад, мубрамият ва муҳиммияти илмӣ-амалии онро исбот менамояд.

Дар шароити ҳозира истифода бурдани мафҳуми захираҳои меҳнатӣ дар он аст, ки бо воситаи он хусусият, моҳият, қобилияти соҳибкорӣ, самаранокии ниҳоии корхона, ташкилот натиҷаи иқтисодии онро таъмин менамояд, лозим мебошад. Тарзи омӯзиши назариявии низоми идоракунии захираҳои меҳнатиро таҳлили воқеияти равандҳои махсуси маълумот, нишонаҳои сифатӣ ва миқдории ҳар як шахсро муаррифӣ менамояд, мебошанд. Дар асоси маълумотҳо таснифи захираҳои меҳнатиро вобаста аз сифати он муаллиф чунин гурӯҳбандӣ намудааст (расми 1).

Унвонҷӯй таҳлили ташаккулёбии захираҳои меҳнатӣ ва нишондиҳандаҳои самтҳои истифодабарии онҳоро дар шароити иқтисоди бозоргонӣ муайян намуда, методикаи арзёбӣ намудани онҳоро

ба таври мушаххас пешниҳод намудааст, ки саҳми онро нишон медиҳад.

Дар автореферат диссертант маълумотҳои оморӣ, таҳлил оид ба миқдори шумораи аҳолӣ, аз он ҷумла шаҳр ва деҳот, ҳолати муҳоҷирони меҳнатӣ, кормандони кироякор дар намудҳои фаъолияти иқтисодии вилояти Суғд, ки бекорӣ ва истифодаи самаранокии захираҳои меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзии вилояти Суғд мавриди таҳлил ва натиҷабарорӣ гаштаанд, ки сатҳи иштироки унвонҷӯйро нишон медиҳад, яъне хоҷагиҳои ноҳияҳои вилояти Суғд дар натиҷаи ташкили оқилонаи истифодаи захираҳои истеҳсолӣ, аз он ҷумла захираҳои меҳнатӣ, тағйирёбии маҳсулоти умумӣ ва рушди он дида мешавад, агар соли 2019-557,7 ҳаз. сомониро ташкил дода бошад, пас он дар соли 2023 ба 860,6 ҳаз. сомонӣ расидааст (афзоиш 54,28%). Рақамҳои хоҷагиҳои таҳлилшаванда исбот менамоянд, ки соҳаи растанипарварӣ ҳамчун соҳаи асосие, ки аҳолиро бо озуқа ва саноатро бо ашёи хом таъмин менамояд, рӯ ба афзоиш дорад, ки асосан дар натиҷаи ташкили оқилонаи истифодаи захираҳои сурат мегирад.

Дар автореферат оварда шудааст, ки беҳтарин шакли пардохти музди меҳнат аз миқдор ва сифати он вобаста мебошад ва ҳамчун корбай муаррифӣ гаштааст, барои боз ҳам мукаммал ва саҳеҳ намудани шакли мазкур, методикаи муайян намудани он бо назардошти натиҷаи ниҳоии истеҳсолот, ки аз рӯйи нархномаҳои (расценка) барои воҳиди маҳсулоти истеҳсолшуда (фӯрухташуда) ё арзиши он бо сомонӣ, дар шароити пудрати коллективӣ, оилавӣ, иҷрокунандагон мушахасс ва иҷоракорон аз ҳаҷми даромади умумии ба даст овардашуда ва дар мавридҳои зарурӣ барои ҳаҷми кори мушахасси иҷрошуда тавсия шудааст, аҳамияти илмӣ-амалиро дорост.

Унвонҷӯй дар асоси таҳлилҳои амалӣ оид ба ташкили механизмҳои истифодабарии захираҳои меҳнатӣ иброз медорад, ки идоракунӣ ва назорат аз рафти он аз ҷониби давлат бояд амалӣ гарданд, чунки дар ҳолате, ки захираҳои меҳнатӣ мавриди истифода мебошанд, ҳатман бояд дар чорчӯбаи қонунҳои вуҷуддошта онҳо ҳалли худро ёбанд барои амалӣ гаштани он низоми идоракунии захираҳои меҳнатӣ аз ҷониби давлат пешниҳод шудааст, ки саҳми арзандаи муаллифро нишон медиҳад (с.34).

Бо вуҷуди муваффақиятҳо дар автореферати диссертатсия дар баъзе қисматҳои он камбудиҳо ба мушоҳида мерасанд:

Дар мавриди таҳлили механизмҳои истифодабарии захираҳои меҳнатӣ бояд шуғли маҳсулнок ҳамчун меъёр арзёбӣ мегардид.

Таҳқиқоти диссертатсионии Юсуфзода Исмоил Умаралӣ дар мавзуи «Такмили механизми истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзӣ (дар мисоли вилояти Суғд)» кори мустақилона анҷом дода шуда арзёбӣ гардида, ба бандҳои марбути соҳаи илмии шиносномаи феҳристи ихтисосҳои 6D051900-Ташкил ва бамеъёргирии меҳнат (6D051901- иқтисодиёти меҳнат) мутобиқат карда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси пешниҳодшуда мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор**
**муовини директор оид ба илми**
**Институти иқтисодиёт ва демографияи**
**Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон** **Мирсаидов А. Б.**

Имзои д.и.и., профессор муовини директор
оид ба илми Институти иқтисодиёт ва демографияи
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
Мирсаидов Аврор Бобоевич-ро тасдиқ менамоям:

Инспектори калон оид ба кадрҳо Зиёева М. С.

Суроға:
734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Мирзо Ризо 6 а http://www.ied/tj
E-mail: chirad-58@mail.ru
Тел: (+99237) 221- 67-50